**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-117-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 20.06.2026, №19

Барои сазовор донистани **Чой Миҳи** барои таълифи диссертатсия дар мавзуи **"Тасвири забонии ҷаҳон дар паремияҳои забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ"** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос.

Диссертатсияи Чой Миҳи дар мавзуи "Тасвири забонии ҷаҳон дар паремияҳои забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-117-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6: фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми феврали соли 2026, таҳти №53/шд) 9-уми апрели соли 2026, суратмаҷлиси №7 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Чой Миҳи 24-уми июни соли 1961 дар шаҳри Тегуи Кореяи Ҷанубӣ ба дунё омадааст. Соли 1980 мактаби миёнаи Ҳёсонги Куриёи Ҷанубӣ ва соли 1984 Донишгоҳи Кемёнги Кореяи Ҷанубиро аз рӯйи ихтисоси фарҳангшиносӣ хатм намудааст. Соли 2004 Донишгоҳи мазкурро аз рӯйи ихтисоси равоншиносӣ хатм намудааст. Аз соли 2005 то ҳол ба ҳайси омӯзгори забони куриёӣ дар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба фаъолият машғул аст.

Чой Миҳи 31-уми августи соли 2022, №283-4 д/ш ба ҳайси доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) ба Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода қабул шуда, 25.06.2025, №273-4д/ш ин зинаро хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони Донишгоҳи мазкур аз 27-уми январи соли 2023, №6/3-3 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода санаи 19 декабри соли 2025, №15 дар бораи супоридани имтиҳонҳои маҷмуӣ ба диссертант маълумотномаи академӣ (транскрипт) додааст.

Диссертатсия дар кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода анҷом ёфтааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Ҷамшедов Парвонахон** мебошад.

**Муқарризони расмӣ: Раҳмон Наргис Шариф** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **Усмонзода Шоҳрух –** доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси забоншиносӣ, дотсенти кафедраи забони англисӣ ҳамчун ихтисоси дуюми факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Давлатзода Файзиддин Ҷамил, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи мазкур Саидзода Муҳаммад Бегмурод, котиби илмии ҷаласа номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ҳамин кафедра Саидова Нилуфар Абдулмаҷидовна имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Сафарзода Мунир Ватан пешниҳод шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Чой Миҳи дар мавзуи "Тасвири забонии ҷаҳон дар паремияҳои забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ" ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, бо Қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия довталаб 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

**[1-М]. Чой Миҳи.** Таҳлили муқоисавии зарбулмасалҳои куриёӣ ва тоҷикӣ дар бораи нутқ / Чой Миҳи // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2019. – №1/2 (62). – С. 30-34.

**[2-М]. Чой Миҳи.** Общие особенности корейских и таджикских пословиц / Чой Миҳи // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2019. – №1 (78). – С. 115-118.

**[3-М]. Чой Миҳи.** Таҳқиқи муқоисавии зарбулмасалҳо оид ба саг дар забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ / Чой Миҳи // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2019. – №5 (82). – С. 33-37.

**II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

**[4-М]. Чой Миҳи.** Гендерные стреотипы в паремиях корейского языка / Чой Миҳи // Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Забон ва адабиёти рус дар шароити муосир”. – Душанбе, 2021. – С. 89-99.

**[5-М]. Чой Миҳи.** Паремии с лексемой «сердце» в русском и корейском языках / Чой Миҳи // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ дар замони муосир”. – Душанбе, 2022. – С. 354-358.

**[6-М]. Чой Миҳи.** Ташаккул ва инкишофи зарбулмасал дар забони тоҷикӣ / Чой Миҳи // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи: “Масъалаҳои мубрами омӯзиши забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ ва хитойӣ) дар шароити муосир”. – Кӯлоб, 2021. – С. 19-24.

**[7-М]. Чой Миҳи.** Пословицы и поговорки в корейском языке: Семантический анализ / Чой Михи // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Забон ва адабиёти рус дар мамолики Осиёи Миёна». – Душанбе, 2025. – С. 351-354.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. **Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи назария ва типологияи забони англисии факултети забонҳои хориҷии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” **Олматова Шарофат Сафаралиевна** мусбат буда, ба автореферат ягон эрод нагирифтааст.

2. **Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Осимӣ Муҳаммад **Бобоева Мадина Маруфовна** мусбат буда, ба автореферат 1 эрод гирифтааст:

1.Дар баъзе саҳифаҳои автореферат баъзе камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мешаванд.

3. **Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” **Усмонова Рухшона Раҳматовна** мусбат буда, ба автореферат се эрод манзур намудааст:

1. Агар истифодаи меъёри ҳаҷму фаслу зерфаслҳо дар автореферат риоя мешуд, арзиши кор зиёдтар мешуд;

2. Дар автореферат зимни нишон додани андешаҳои мутахассисони соҳа оид ба паремияҳо дар тасвири забонии ҷаҳон, ба пажуҳишҳои варзидаи тоҷик кам таваҷҷуҳ зоҳир гаштааст;

3. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат камбудиҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд.

Муқарризон дар баробари муайян намудани баъзе эроду норасоиҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии рисолаи илмӣ, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- унвонҷӯ Чой Миҳи бори нахуст бо истифода аз назария ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии самти забоншиносӣ ба таҳлили вижагиҳои асосӣ ва муҳимми паремияҳои ду забони гуногунсохтор дар тасвири забонии ҷаҳон пардохта, кори илмии муҳим ва арзишманд **ба анҷом расонидааст;**

- сохтор, роҳҳои ифодаи паремияҳо, таснифоти онҳо, хусусиятҳои услубию маъноӣ, воситаҳои дастурӣ ва ифодаи тобишҳои гуногуни маъноҳои иловагии онҳо дар забонҳои тоҷикиву куриёӣ мавриди баҳси илмӣ қарор гирифта, фарқияту умумияти онҳо дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард карда шуданд**;

- масъалаҳои марбут ба мавзуъ дар муқоиса бо забони куриёӣ баррасӣ шуда, моҳият ва аҳаммияти паремияҳо дар гуфтор ва адабиёти бадеӣ **муайян шудаанд;**

- умумият ва вижагиҳои фарқкунандаи паремияҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ **собит шудааст;**

- нақши паремияҳо дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷику куриёиҳо **нишон дода шудааст.**

- дар асоси мавҷуд будани ин ё он воситаи алоқаи дастурии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои муқоисашаванда тобишҳои маъноие, ки дар мазмуни гуфтор инъикос мегарданд, ба таври мушаххас **муайяну муқаррар карда шуданд.**

- василаҳои ифода ва дарёфти муодилу муродиф дар заминаи паремияҳои ду забон **ошкор карда шуданд.**

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки** маводди он дар заминаи таҳлил ва таҳқиқи паремияҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ бадастомада метавонанд ҳангоми коркарди масъалаҳои мубрами дастурӣ дар пояи таҳқиқи муқоисавӣ истифода гарданд.

Дар диссертатсия аз ҷониби диссертант маводди иловагӣ барои баррасии бархе аз масъалаҳои наҳви забонҳои мавриди таҳқиқ ба таври муқоисавӣ пешниҳод шудааст, ки метавонанд ҳамчун сарчашмаҳои асосии пажуҳиш ва омӯзиши минбаъда дар ин самт нақши бориз дошта бошанд.

Аз ин рӯ, натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар ҳаллу фасли баъзе бахшҳои забоншиносӣ, махсусан, доир ба омӯзиши масъалаҳои мухталифи марбут ба шохаҳои забоншиносӣ, аз ҷумла, забоншиносии муқоисавӣ, фразеология ва луғатшиносӣ, ҳангоми тадриси курсҳои махсус **истифода гарданд**. Нуктаҳои асосӣ ва амалии таҳқиқ метавонанд ҳангоми пажуҳишҳои муқоисавӣ ва типологии забонҳои дигар, ҳангоми таҳия ва навиштани дастурҳои таълимӣ барои факултетҳои филологии донишгоҳу донишкадаҳо, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди баҳрабардорӣ **қарор гиранд.**

Маводди дар диссертатсия манзуршуда ва натиҷаҳои таҳқиқ ҳангоми таҳияи маводди таълимӣ ва омода намудани китобҳои дарсӣ аз назария ва амалияи тарҷума, забоншиносӣ, хусусан, забоншиносии муқоисавӣ барои факултетҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода мешаванд.

Ҳангоми таълифи диссертатсия ба сифати асосҳои муҳимми назарӣ таҳқиқи илмӣ ва таълифоти донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла, Р. Амонов [1963], Б. Тилавов [1967, 1973], М. Фозилов [1963, 1969, 1975], В. Асрорӣ [1956, 1982], Я.И. Калонтаров [1965, 1969, 1989], Ш. Ҳусейнзода [1985], Ф. Муродов [2001], Ф.М. Турсунов [2006], О. Қосимов [2009], С.Қ. Матробиён [2011, 2016, 2023], М. Қосимова [2002], А.Ш. Иқболов [2017], З.Д. Мирзоева [2016] ва ғайраҳо **истифода шудаанд.**

Оид ба масъалаи мазкур асарҳои забоншиносони варзидаи куриёӣ Нан Янхуа, Ли Сан-ок, Мун Кумхён, Им Ҷи Рёнг, Ҷу Кюнг Хи, Пак Сонг Гу, Сонг Ҳёго, Юмон Йинг, Минджунсогван, Игимун, Куи Чжэнлинг, Шим Джеги, Вон Ёнгсеоб, Го Ҷунг Вук, Чое Чанглол, Сон Ҷэсон, Мун Геумхён ҳамчун асосҳои назариявии таҳқиқ ба ҳисоб меравaнд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки аз андешарониҳои дар диссертатсия суратгирифта, натиҷаҳои илмии бадастомада ва пажӯҳишҳо дар самти паремиологияро ҳамчун маводди боэътимод ҳангоми гузаронидани семинарҳои махсус роҷеъ ба масъалаҳои наҳви забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ

дар бахшҳои филологӣ, тарҷумонӣ ва забонҳои хориҷии мактабҳои олӣ метавон истифода бурд.

Маводди диссертатсия ва хулосаю натиҷаҳои онро зимни навиштани мақолаҳо ва таълифоту таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои забоншиносӣ, хусусан, забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** мушаххас ва саҳеҳ будани маълумоти кофӣ, коркард ва истифодаи натиҷаҳои таҳқиқ дар раванди фаъолият, ҳаҷми интишорот ва гузаронидани таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ тасдиқ мекунанд. Хулоса, натиҷа ва тавсияҳо роҷеъ ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар заминаи пажуҳиш, натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ, амалӣ ва муқоисавӣ **пешниҳод карда шудаанд**. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсияи Чой Миҳи аз дақиқии маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводди таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, теъдоду ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили сарчашмаҳои боэътимод ва таҳқиқи осори назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии муҳаққиқро дар раванди** таҳқиқ ба даст овардани мавод вобаста ба мавзуи диссертатсия ва корҳои зерини анҷомдода дар бар мегирад: дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии дар диссертатсия баррасишуда, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва ба таври мустақилона ифода шудани нуқтаи назари ӯ оид ба мавқеъ ва корбурди паремияҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ таъйид менамоянд.

Пешниҳод, коркард, таҳлилу баррасии мавзуи диссертатсионӣ аз фаъолияти илмию ҷустуҷӯҳои мустақилонаи муаллиф шаҳодат дода, саҳми шахсии ӯро дар гирдоварӣ ва таҳқиқи манобеи илмию амалӣ роҷеъ ба паремияҳои ду забони гуногунсохтор ва, дар ин замина, муайян намудани хусусиятҳои сохториву маъноӣ ва вижагиҳои фарқкунандаи онҳо мушаххас мекунанд.

Муаллифи диссертатсия бо истифода аз равишҳои илмии риштаи забоншиносӣ дар баррасии масъалаҳо, муайян сохтани арзиши илмии онҳо, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада,

пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти минбаъда, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-117-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 20-уми июни соли 2026 дар бораи сазовор донистани Чой Миҳи бо дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 16 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми феврали соли 2026, №53/шд), аз ҷумла, 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) иштирок доштанд.

Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 16 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нестанд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, дотсент Соҳибназарзода Ҳ.Т.

«20» июни соли 2026